«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика

_________ дотсент Наҷмиддиниён А.М.
22 сентябри соли 2023

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзӯи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Сафарзода Гулистон Сафар 26 майи соли 1993 дар ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2015 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҳуқуқ (дараҷаи бакалавр) хатм намудааст. Номбурда хатмкардаи магистратураи (таърих ва ҳуқуқи)-и Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (соли 2017) мебошад. Соли 2017 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2020 Академияи мазкурро бо ихтисоси менеҷер ба итмом расонидааст.

Мавсуф фаъолияти меҳнатиашро соли 2015 ба ҳайси китобдори дараҷаи якуми китобхонаи вилоятии ба номи А. Шукуҳӣ дар шаҳри Бохтар оғоз намудааст, аз соли 2016 то инҷониб ба ҳайси директори муассисаи давлатии осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи “Авасто” фаъолият дорад.

Сафарзода Гулистон Сафар солҳои 2018-2021 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ фаъолият намуда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Забони англисӣ- 4 (хуб), Таърих ва фалсафа – 4 (хуб) ва Педагогика – ихтисосро бо баҳои 4 (хуб) супоридааст.

Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи мактаб (синф)-ҳои камнуфус ва таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҷонмаҳмадова Гулрафтор Шералиевна.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеъи шуъбаи омӯзиши стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Суратҷаласаи шуъба аз 23.06.2023, №06).

Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафарро бо иштироки муқарризони расмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Шербоев С. ва номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Махкамов Д. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯй Сафарзода Гулистон оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Сафарзода Гулистон иброз намуданд.

Муқарризи холис -доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шербоев С. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия баррасии вазъ ва раванди татбиқи муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар замони муосир буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ дастовард ва мушкилоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатиро таҳлилу баррасӣ карда, мушкилоти раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор карда, роҳу воситаҳои бартарафсозии ин мушкилотро нишон дода, тавсияву пешниҳодоти худро оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал коркард ва ироа кардааст.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия дар мавзӯи нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар таҳқиқоти илмӣ-педагогии ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шербоев С. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқаррризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ Махкамов Д. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Муқарриз Махкамов Д. инчунин қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Сафарзода Гулистон Сафар имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад. Дар хулосаи кор ба тариқи фишурда натиҷаҳои тадқиқот ҷамъбаст шудааст.

Мавсуф афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди амалисозии чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва инчунин дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи кишвар истифода кард. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Сафарзода Г.С. барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муқарриз Махкамов Д. ибрози андеша намуд, ки таҳқиқоти илмии Сафарзода Г.С. дар асосноокнамоии назариявии ғояҳо ва муқаррароти асосии таҳқиқот, таҳияи амсилаи мафҳумҳо ифода мегардад, ки минбаъд имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад. Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Г. барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Шербоев С., номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Махкамов Д. ходими пешбари ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Зиёзода Т.Н. ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, хулоса кард.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотии илмии Сафарзода Гулистон Сафар аз он иборат аст, ки дар шароити кунунӣ гузаронидани ислоҳоти соҳаи маориф, ки мақсади асосии он ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, ҷавобгӯ гардонидани мазмуну мундариҷаи таълим, стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ба ин васила, таъмини рақобатпазирии низоми маорифи кишварамон ба талаботи бозори ҷаҳонии таҳсилот мебошад, зоҳир гардидааст.

Унвонҷӯ Сафарзода Гулистон Сафар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ адабиёти зиёди илмии ба масоили таҳқиқоти диссертатсиониаш бахшидашударо ҳаматарафа омӯхта, таҳлилу баррасӣ намуда, дар натиҷа ба чунин хулосаи дуруст меояд, ки тақдири имрӯзу фардои кишварамон аз рушди маориф ва раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ вобаста буда, ҳар қадар насли наврас тавоно ва соҳибдонишу бомаърифат, навовару ихтирокор бошанд, ҳамон қадарояндаи мамлакат шукуфон мегардад.

Тавре маълум аст, маориф дар ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб ёфта, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили муҳимтарин наҷоти миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ шудааст.

Ҳамагуна Барномаҳои давлатӣ бевосита бо мақсади рушди соҳа таҳия ва ба тавсиб расонда мешаванд. Вазифаи асосии Барномаҳои давлатӣ амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, такмили низом, муҳайё намудани шароити мусоид аз ҷумла, шаклу усул ва воситаҳои самарабахши таълиму тарбия, таъмини робитаи мақсаднок миёни субъектҳои таълиму тарбия ва ҷомеа, ташаккул ва тақвияти вазифаву уҳдадориҳои мутақобилаи оила, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа, иттиҳодияҳо ва дигар ниҳоди ҷамъиятӣ мебошад.

Сафарзода Гулистон Сафар зимни ба риштаи таҳқиқ кашидани мавзӯи: “Вазъият ва дурнамои татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кӯшидааст раванди татбиқи Барномаҳои давлатиро баррасӣ карда, моҳият ва мавқеи онҳоро дар рушди бемайлони маорифи кишвар собит намояд.

Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки азнавсозӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф бо маром идома дорад, таҳлили масоили татбиқи асосҳои назариявию амалии Барномаҳои давлатӣ саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мешавад.

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла:

- моҳият ва махсусияти омоданамоии муассисаҳои таълимиро ба татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар таълим ва тарбия муайян кардааст;

- шароити педагогии роҳҳои самараноки татбиқи Барномаҳои давлатиро дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ошкор сохта, ба таври назариявӣ асоснок намудааст;

- проблемаи таҳқиқотро дар назария ва амалияи муосир муоина намуда, муносибатҳои умуминазариявиро дар татбиқи Барномаҳои давлатӣ мавриди омӯзиш қарор додааст;

- оид ба самаранокии Барномаҳои давлатӣ дар рушди зеҳнии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ таҳқиқот гузаронида, санҷишӣ озмоишӣ таҳия кардааст.

Бо иҷрои мақсаду вазифаҳо унвонҷӯ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- дастовард ва мушкилоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ карда шуд;

- вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуда, нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф муайян карда шуд;

- мушкилоти раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор карда шуда, роҳу воситаҳои бартарафсозии ин мушкилот нишон дода шуд;

- собит гардидааст, ки такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор мебошад, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард;

- роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур шуд;

- талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди омӯзиш ва озмоиш қарор ёфта, натиҷаҳои он ҷамъбаст ва арзёбӣ шудааст ва дар ин замина тавсияву пешниҳодот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал коркард ва ироа шуд.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, номгӯйи мақолаҳои илмии зерини унвонҷӯй оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Сафарзода Г.С. Татбиқи барномаҳои давлатии тарбияи насли наврас – омили ғанӣ гардидани маънавиёт// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе, 2019, №4. – С. 307-310.

[2-М] Сафарзода Г.С. Таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷа// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе, 2020, №4. – С. 270-273.

[3-М] Сафарзода Г.С. Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим яке аз роҳҳои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, №4 (37). – С. 68-73.

[4-М] Сафарзода Г.С. Нақши барномаҳои давлатӣ дар ташакулли салоҳиятҳои омӯзгорон// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020, №4 (32). – С. 34-41.

[5-М] Сафарзода Г.С. Таъсиси муассисаҳои таълимии шакли нав //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020 №5.- С 271-275.

[6-М] Сафарзода Г.С. Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим//Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021, №1-1 (83). – С. 93-97.

[7-М] Сафарзода Г.С. Вазъи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ/Г.С. Сафарзода [Матн]// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 2023. -№1-1 (107). – С. 116-123.

[8-М] Ҷонмаҳмадова Г.Ш., Сафарзода Г.С. Хусусиятҳои муҳими такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити муосир/Г.Ш. Ҷонмаҳмадова, Г.С. Сафарзода [Матн]// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. 2023. - №2 (42). – С. 100-103.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва таклифу пешниҳоди иштирокчиён ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои ҳимоя дар Шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, номзади илмҳои филологӣ Тоҳириён Ш. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 22 сентябри соли 2023, протоколи №09 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 17 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Лутфуллоева П.

**Муқарризон:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Шербоев С.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи
касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Махкамов Д.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ
котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон — Тоҳириён Ш.

Маълумот барои тамос:
Суроға:734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. А.Адҳамов, 11/2
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои* Лутфуллоева П., *С. Шербоев, Д. Махкамов ва Ш. Тоҳириёнро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.